# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Тағйироти сиёсиву иҷтимоию иқтисодӣ ва расидан ба Истиқлоли давлатӣ имкону шароит фароҳам овард, ки дар Тоҷикистон матбуот ҳамаҷониба рушду такомул ёбад ва шаклҳои гуногуни он пайдо гарданд. Фазои озоди сиёсӣ ва вазъи замон ба таъсиси типҳои гуногун мусоидат намуд. Аз ин ҷост, ки имрӯз матбуоти тоҷик рангоранг буда, дар муборизаҳои иттилоотӣ манфиати давлату миллатро ҳифзу ҳимоя менамояд. Дар фазои иттилоотии кишвар таъсис ёфтани рӯзномаи «Садои мардум» дар соли 1992 рӯйдоди фараҳбахшу таърихӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар ҳолати мушкилу хатарзо тавонист фаъолияти хешро оғоз бахшад ва дар таъмини сулҳу ваҳдат, таҳкими истиқлол ва бозтоби фаъолияти парлумони кишвар хидмати арзанда намояд. Зеро нашрияи мазкур таърихи зиндаи замони истиқлоли кишвар мебошад, ки бисёр ҳуҷҷатҳои сарнавиштсоз нахустин бор дар он ба табъ расидаву дастраси мардуми кишвар гардидаанд. Имрӯз низ фаъолияти нашрияи мазкур дар фазои иттилоотии кишвар густарда буда, дар раванди ҷаҳонишавӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ манфиатҳои давлату миллатро ҳимоя менамояд ва дар татбиқи қарору қонунҳои кишвар саҳми бориз мегузорад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» аз пажуҳишҳои мубрами илми журналистика ба ҳисоб меравад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддима тибқи талабот шакл гирифта, дар он аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум»» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал – «Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия» заминаҳои таърихиву фарҳангӣ ва омилҳои асосии пайдоиши нашрияи даврии «Садои мардум» таҳқиқ шудааст. Дар фасли дуюми ин боб – «Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон» марҳалаҳои ташаккул ва рушди ин нашрия омӯхта шуда, вижагиҳои он муайян гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия» шомили ду фасл аст. Дар фасли аввали ин боб – «Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия» вижагиҳои шакливу ороишӣ баррасӣ

гардида, тавассути таҳлили шумораҳои гуногуни нашрияи мавриди таҳқиқ нақши ин аносир дар касби рӯзномасозӣ мушаххас гардидааст. Дар фасли дуюми ин боб, ки «Таснифоти мавзуии маводди нашрия» ном дорад, мундариҷаи нашрия аз нигоҳи мавзуъ тасниф шуда, вижагиҳои он муайян карда шудааст.

Боби сеюм «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»» унвон дошта, се фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб масъалаи чигунагии жанрҳои публитсистӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар нашрияи мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст. Масъалаи жанр дар ВАО, бахусус, дар матбуоти даврӣ муҳимму мубрам аст. Дар фасли аввали ин боб – «Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ» вижагиҳои хабарҳои рӯзномаи «Садои мардум» бо дарназардошти омилҳо, тарзи таҳия, василаҳои хабарсоз, маҳорати хабарнависӣ, усулҳои таҳияи хабар, анвои хабарҳо, дид дар хабар ва амсоли ин таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Фасли дуюми боби сеюм, ки «Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ» ном дорад, бахси роҳу василаҳои корбасти жанрҳои таҳлилиро дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар бар мегирад. Фасли сеюми боби сеюм «Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк» ном дорад. Муаррифии корномаи шахс ба воситаи осори публитсистию бадеӣ яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳои касбу кори гуногун мебошад, ки бо тасвири образнок дар жанрҳои лавҳаву очерк инъикос мешавад. Лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи «Садои мардум», аз назари хусусияти жанрӣ қобили мулоҳиза буда, тасвир ва муаррификунандаи корномаи шахс дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса натиҷаҳои муҳаққиқ дар 20 банд пешниҳод гаридааст, ки ба таври амиқу дақиқ ва возеҳ пажуҳиши муаллифро бозгӯ мекунанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ муҳиммияти мавзуъро бозтоб намуда, аҳаммияти амалии онро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф гардидааст ва маълум мешавад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқ заҳмати зиёде кашидааст ва мавзуъро ҳамаҷонаба маърифат намудааст.

Дар автореферат дар баробари комёбиву дастовардҳо баъзе нуктаҳои баҳсталаб вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Агар ҳангоми таҳлили рӯзномаи «Садои мардум» ба таври қиёсӣ аз рӯзномаҳои парлумонии кишварҳои дигар истифода мекард, ҷанбаи илмии диссертатсия қавитар мешуд.

2. Муҳаққиқ дар боби сеюм – «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» бештар махсусияти жанрҳоро аз нигоҳи назариявӣ

таҳлилу таҳқиқ кардааст. Аз ин рӯ, агар барои асоснок намудани андешаҳояш ба таври намуна маводу матолиби рӯзномаро таҳлилу баррасӣ ва аз нигоҳи жанрӣ муайян мекард, хуб мешуд.

3. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо манфиатбор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиши илмию амалии рисолаи илмӣ таъсир намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, ба ҳам мувофиқати комил дошта, мақолаҳои таълифнамудаи муҳаққиқ, ки дар маҷмуъ, 6 ададро ташкил медиҳанд (аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд), муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илми филология,
сармуҳаррири Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор» Сафарзода Э.
21 апрели соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 946-40-40-40.
E-mail: ehson.89@mail.ru Ҷ

Имзои Сафарзода Э.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
иҷрои Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Толибова Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
Телефон: (+992-37) 225-81-56.
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj
21 апрели соли 2025.